باللغة الطاجيكية

# ОМӮХТАНИ ЗАБОНИ АРАБӢ АЗ ПАЙРАВИИ ПАЁМБАР ﷺ АСТ

# تعلم اللغة العربية من اتباع النبي ﷺ


اعداد

شهاب الدين صالح

омодаи

ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ

بسم الله الرحمن الرحيم

# ОМӮХТАНИ ЗАБОНИ АРАБӢ

## АЗ ПАЙРАВИИ ПАЁМБАР ﷺ АСТ

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّى رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا ٱلَّذِى لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحْىِۦ وَيُمِيتُ ۖ فَـَٔامِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِىِّ ٱلْأُمِّىِّ ٱلَّذِى يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ ١٥٨ ﴾ الأعراف: ١٥٨

**"Бигӯ: Эй мардум! Ман фиристодаи Аллоҳ ба сӯи ҳамаи шумо ҳастам, он Парвардигоре, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуди ҳаққе ҷуз Ӯ нест, зинда мекунад ва мемиронад, пас ба Аллоҳ ва фиристодааш, ки паёмбари уммие ки ба Аллоҳ ва калимаҳояш имон дорад, имон биёред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, шояд ки ҳидоят шавед"**. (Сураи Аъроф, ояти: 158).

Ин хитоб бар ҳамаи башарият аст, хоҳ араб бошад ва ё аҷам. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб ибни Ҳошими арабии уммӣ ба дастури Аллоҳ таъоло онҳоро хитоб кардааст, ба онон хабар медиҳад, ки ӯ фиристодаи Аллоҳ таъоло ба сӯи ҳамаи онҳост, на хос ба қавмаш, ки арабанд. Пас ин монанди фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ وَمَآ أَرْسَلْنَٰكَ إِلَّا كَآفَّةً لِّلنَّاسِ بَشِيرًا وَنَذِيرًا ﴾ سبأ: ٢٨

**"Ва (эй Паёмбар!) Мо туро барои ҳамаи мардум, ҷуз башоратдиҳанда ва тарсдиҳанда нафиристодем"**. (Сураи Сабаъ, ояти: 28)

Аллоҳе, (ки мулки осмонҳо ва замин аз Ӯст, нест маъбуди ҳаққе ҷуз Ӯ, зинда мекунад ва мемиронад), пас Ӯ ҳамаи оламро тасарруф ва идора мекунад ва Ӯ парвардигори ҷаҳониён аст, Ӯ шарике на-

дорад, пас маъбуди ҳаққе ҷуз Ӯ нест ва маъбуди ҳаққе ҷуз Ӯ нест, ҳамонгуна ки ҷуз Ӯ холиқ ва парвардигоре нест.

(**Пас**) эй мардум! Аз кадом миллате ки бошед, араб бошед ё аҷам, шарқӣ бошед ё ғарбӣ (**ба Аллоҳ имон оред**), ки дар парвардигорӣ ва улуҳият ягона аст ва ба фиристодаи ҷудогонаи Ӯ, он уммие, ки ба уммиҳои араб ва ба ҳамаи халқ ӯро расул фиристод, ки ба онҳо китоб ва ҳикмат меомӯзонад ва онҳоро тазкия медиҳад ва онҳоро аз хурофотҳои ширкӣ, пастӣ, ҷаҳолат, парокандагӣ ва аз рӯи таассуби ҷинсҳо, забонҳо ва ватанҳо душманӣ кардан, пок месозад, то ки ба роҳнамоии Ӯ як уммат шаванд ва бародарии умумӣ дар миёни башарият амалӣ гардад.

Эй мардум! Ин паёмбарро пайравӣ кунед, шояд шумо ба саодати дунё ва охират ҳидоят ёбед.

Аз ҷумлаи чизҳое, ки дар пайравии Паёмбар ﷺ дохил мешавад, омӯхтани забони Ӯст, ки он луғати китоби илоҳӣ аст, ки ба сӯи Ӯ ваҳй кардааст ва ҳама касоне, ки Ӯро пайравӣ мекунанд ва дини Ӯро дин интихоб кардаанд, дастур додааст, ки Аллоҳро ба он ибодат кунанд ва онро дар намозҳо ва ғайри намозҳо бо тадаббур ва андеша кардани маъниҳои он, онро тиловат кунанд ва ин ба хуб аз худ кардани луғати он меистад ва он луғати арабии фасеҳ аст.

Бояд мусалмонон ҳар миллатро ба забони онҳо даъват намоянд, то ки Аллоҳ таъоло кадоме аз онҳоро хоста ҳидоят намуд ва дар Ислом дохил шуд, ба ӯ аҳком ва луғати динро таълим диҳанд.

Халифаҳои фатҳкун дар беҳтарин асрҳо ва пас аз онҳо инчунин мекарданд, то ки аҷамиҳо бар арабҳо ғолиб омаданд ва мулкро аз онҳо гирифтанд, монанди Абӯмуслими Хуросонӣ, вай аз омӯхтани забони арабӣ манъ кард ва ҳар кӣ ба арабӣ сухан мекард, ё таълим медод, сахт танбеҳ ва ҷазо медод.

Ҳол ин ки Аллоҳ Муҳаммад ﷺ-ро ба сӯи ҳамаи мардум фиристод ва бар онҳо воҷиб гардонид, ки ба қадри тавонашон забони Ӯро таълим гиранд.

Ва шакке нест, ки ҳар фарде аз афроди фарзанди Одам истеъдоди омӯхтани забони арабӣ ва маъноҳои онро дорад,  аз ин рӯ Аллоҳ таъоло расулашро дастур дод, ки онҳоро хитоб, амр ва наҳй кунад, пас Ӯро пайравӣ намоянд ва дастури Ӯро ба ҷо оранд.

Хулосаи сухан ин ки барпо шудани дини Ислом ба фаҳмидани забони китобаш, ки аз ҷониби парвардигори оламиён нозил шуда аст ва суннати Паёмбараш, ки барои раҳмати оламиён фиристода шудааст, таваққуф мекунад.

Оқил аз ин оятҳои муҳкам мефаҳмад, ки Қуръон роҳнамои динии арабӣ, ҳукумати динии арабӣ, ба забони арабӣ умуми аст, барои ҳамаи халқҳо аст. Аллоҳ таъоло ҳукм кардааст, ки ба он забони ҳамаи миллатҳоро як созад, пас онҳоро дар ақидаҳо, ибодатҳо, одоб, шариат ва луғат як миллат қарор диҳад, то ба неъмати Ӯ бародар шаванд.

Ва Расулуллоҳ ﷺ номаҳои худро ба Қайсари Рум ва Кисрои Форс ва Муқавқиси Миср ба луғати Ислом, арабӣ навист ва инчунин халифаҳои роҳнамо, саҳобагон ва тобеъин ﷺ ба ин равиш рафтанд ва ин динро ба забонаш нашр ва паҳн карданд.

Ояти ҷалила изҳор мекунад, ки ҳар фарде аз афроди башар бояд бидонад, ки Аллоҳ азза ва ҷалла Муҳаммад ﷺ-ро ба сӯи ҳамаи инсу ҷин фиристод ва бар онҳо имон овардан ба Ӯ ва он чизе ки оварда аст ва итоати Ӯро воҷиб гардонид ва ин ки ҳар чизеро, ки Аллоҳ ва расулаш ҳалол гардондаанд, ҳалол гардонанд ва ҳар чиро ки Аллоҳ ва расулаш ҳаром гардондаанд, ҳаром гардонанд ва ҳар чиро ки Аллоҳ ва расулаш воҷиб гардондаанд, воҷиб гардонанд, пас ҳар кӣ ба Ӯ имон наорад, кофир аст.

Ба ин асл ҳамаи мусалмонон иттифоқ кардаанд.

Бидон, ки Аллоҳ таъоло ва расулаш ﷺ аҳкомро ба сифатҳои таъсиркунандае, ки Аллоҳ таъоло дӯст медорад ва дар сифатҳое, ки бад мебинад, вобаста кардаанд ва арабро ба ягон навъе аз аҳкоми шариат хос накардааст, зеро рисолат ва даъвати Ӯ барои тамоми халқ аст ва ҳамоно Аллоҳ таъоло Қуръонро ба забони он-

ҳо, ба хотири даъват нозил кард, зеро Ӯ аввал қавмашро даъват кард, сипас ба воситаи онҳо дигар миллатҳоро даъват кард. Аллоҳ таъоло аввалан Ӯро ба даъват кардани қавмаш дастур дод, сипас ба даъват кардани наздик, пас наздиктар ба Ӯро дастур дод, ҳамон гуна ки ба ҷиҳоди қарибтар, пас қарибтар дастур дод, ҳамчуноне ки инро имом Аҳмад ибни Таймия дар рисолааш "Изоҳ-уд-далолат фи умум-ир-рисолат" баён кардааст.

(Иқтибос аз китоби "Тамйиз-ул-маҳзузин анил маҳрумин фи таҷридиддин ва тавҳид-ил-мурсалин"-и аллома шайх Муҳаммад Султон Маъсуми Хуҷандӣ, саҳ: 50-53)